Замимаи 1
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» феврали соли 2022, №17

**Дастурамал**
**дар бораи ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур (минбаъд - Дастурамал) супорандагони андоз, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, имтиёзҳои андоз, давраи андоз, меъёри андоз, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашударо муайян менамояд.

2. Низоми содакардашудаи андозбандӣ (минбаъд – андози низоми содакардашуда) низоми андозе мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз даромадро бо тартиби содакардашуда ҳисоб ва пардохт менамоянд.

3. Субъектҳои соҳибкории хурде, ки даромади умумии онҳо дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта аз 1 миллион сомонӣ зиёд намебошад, мутобиқ ба талаботи Дастурамал андозбандӣ карда мешаванд.

4. Андозсупорандагоне, ки бо низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолият менамоянд, ҳуқуқ доранд ихтиёран андози низоми содакардашударо аз даромади умумӣ  ё аз фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои барои тарҳ иҷозатдодашуда ҳисоб ва пардохт намоянд.

5. Ҳангоми гузариш аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андозбандӣ ва аз низоми умумӣ ба низоми содакарадашудаи андозбандӣ даромади умумии субъекти соҳибкорӣ бо усули ҳисобу замкунӣ муайян карда мешавад.

6. Новобаста ба муқаррароти бандҳои 1- 5 Дастурамал супорандаи андози низоми содакардашуда ҳуқуқ дорад ихтиёран барои бақайдгирӣ ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда  (минбаъд – ААИ) ва дар як вақт барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ба мақомоти андоз ариза пешниҳод намояд.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

7. Шахсони зерин супорандагони андози низоми содакардашуда дониста мешаванд:

- шахсоне, ки дар давоми соли тақвимӣ фаъолияти соҳибкориро оғоз намудаанд, новобаста ба бақайдгирии давлатии чунин шахс, ба истиснои субъектҳое, ки ҳуқуқи истифода намудани низоми содакардашудаи андозбандиро надоранд;

- шахсоне, ки даромади умумии онҳо дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта аз 1 миллион сомонӣ зиёд намебошад ва барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза пешниҳод накардаанд;

- агар аз рӯи натиҷаи на зиёда аз 12 моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи низоми умумии андоз аз 1 миллион сомонӣ кам бошад ва агар аз муҳлати аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андоз гузаштани чунин шахс 36 моҳи тақвимӣ гузашта бошад.

Эзоҳ: Мисоли 1. Шахс дар соли 2022 фаъолияти соҳибкории худро оғоз намуда, аз бақайдгирии давлатӣ нагузаштааст ва соҳаи фаъолияти он барои бо низоми содакардашуда андозбандӣ намудан манъ карда нашудааст. Дар ин ҳолат шахси мазкур супорандаи андози низоми содакардашуда ба ҳисоб меравад.

Мисоли 2. ҶДММ "Ғ" дар соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта, аз фаъолият оид ба хизматрасонӣ 840450 сомонӣ даромад гирифтааст. Аз ин рӯ, ҷамъият ҳамчун супорандаи андози низоми содакардашуда фаъолияти худро идома медиҳад.

8. Нисбат ба андозсупорандагони зерин андози низоми содакардашуда татбиқ карда намешавад:

- шахсони воқеие, ки ҳамчун соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд;

- фондҳои сармоягузорӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ ва қарзӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони захираҳои табиӣ, таҳвилкунандагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони маҳсулоти зераксизӣ, инчунин шахсоне, ки дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар бо фаъолияти миёнаравӣ машғуланд;

- истифодабарандагони низоми содакардашудаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои даромадҳое, ки андозбандии онҳо дар доираи андози низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ танзим нашудааст;

- шахсони истифодабарандаи андози низоми содакардашуда барои субъектҳои бизнеси бозӣ, ба истиснои даромадҳое, ки ба бизнеси бозӣ тааллуқ надоранд.

Эзоҳ: Мисоли 1. Шахси воқеӣ Н.А. мақсад дорад, ки фаъолияти миёнаравиро оид ба қабули пардохти ҳаққи хизматрасонии алоқа ба воситаи терминалҳои худкори худхизматрасонӣ ба роҳ монад. Бинобар сабаби он ки тибқи сархати дуюми банди 8 Дастурамал нисбат ба фаъолияти миёнаравӣ андози низоми содакардашуда татбиқ намегардад, шахси воқеӣ Н.А. наметавонад ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ фаъолияти миёнаравиро тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ ба роҳ монад. Дар ин ҳолат шахси воқеӣ Н.А. ихтиёран метавонад шахси ҳуқуқӣ таъсис дода, фаъолияти миёнаравии худро дар низоми умумии андозбандӣ ҳамчун супорандаи ААИ оғоз намояд.

Мисоли 2. ҶДММ «А» ба фаъолияти букмекерӣ ва ташкили бозии боулинг машғул мебошад. Дар баробари ин, ҷамъият бо воситаи нуқтаҳои фаъолияти худ аз ҳисоби фурӯши маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум даромад

мегирад. Дар ин ҳолат, ҷамъият ухдадор мебошад, ки баҳисобгирии андозӣ ва муҳосибии худро барои фаъолияти бизнеси бозӣ алоҳида ба роҳ монда, аз даромадҳое, ки аз фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум ба даст меорад, супорандаи андози низоми содакардашуда ба ҳисоб меравад. Инчунин ҷамъият аз фаъолияти бизнеси бозӣ супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ ба ҳисоб рафта, андози мазкурро вобаста ба меъёрҳои муқарраргардида ҳисоб ва пардохт менамояд.

9. Филиалҳо ва намояндагии шахси ҳуқуқӣ супорандагони мустақили андози низоми содакардашуда шуда наметавонанд. Шахси ҳуқуқӣ (воҳиди асосии корхона) мустақилона бо тартиби марказонидашуда дар маҳалли бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ (воҳиди асосии корхона) андози низоми содакардашударо ҳам аз даромади худ ва ҳам аз даромади филиал, намояндагӣ ё дигар воҳидҳои алоҳида пардохт менамояд. Дар ин сурат ҳангоми ҳисоб намудани ҳадди даромади умумӣ бо мақсади гузариш аз низоми содакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ ҳамаи даромадҳои шахси ҳуқуқӣ, инчунин даромадҳои филиалҳо, намояндагиҳо ва дигар воҳидҳои алоҳидаи он дар маҷмуъ ба инобат гирифта мешаванд.

Эзоҳ Мисол. ҶДММ «Б» дар нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст. Ҷамъият инчунин дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ва дар ноҳияи Рудакӣ филиал дорад. Дар давраи аз 1 сентябри соли 2021 то 1 июли соли 2022 даромади умумии воҳиди асосии ҷамъият 650 000 ҳазор сомонӣ ва даромади умумии филиалҳо 400 000 сомониро ташкил медиҳад. Дар ин сурат даромади умумии ҷамъият ва инчунин даромади умумии филиалҳои он як даромад ба ҳисоб рафта, дар маҷмуъ маблағи 1 050 000 сомониро ташкил медиҳад, аз тарафи ҷамъият (воҳиди асосии корхона) андози низоми содакардашуда мутамарказ ҳисоб карда мешавад. Эъломия андози низоми содакардашуда танҳо ба нозироти андози маҳалли бақайдгирии ҶДММ «Б» пешниҳод ва маблағи андоз низ танҳо дар ҳамин маҳал пардохт карда мешавад. Ҳамзамон бинобар сабаби он ки аз рӯи натиҷаи на зиёда аз 12 моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта даромади умумии ҷамъият (ва филиалҳои он) аз 1 миллион сомонӣ зиёд шудааст, ҷамъият ухдадор аст барои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ ва гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ба мақомоти андоз ариза пешниҳод намояд.

10. Супорандаи андози низоми содакардашуда ҳуқуқ дорад ихтиёран андози низоми содакардашударо бо усули фарқияти байни даромад ва тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намояд. Дар ин ҳолат андозсупоранда ухдадор мегардад, ки ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ тибқи шакли муқарраргардида дар мухлатҳои зерин ариза пешниҳод намояд:

- андозсупорандаи навтаъсис – дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ;
- андозсупорандаи амалкунанда – то 31 декабри соли тақвимӣ.

11. Барои андозсупорандагоне, ки пардохти андози низоми содакардашударо аз рӯи усули фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои иҷозатдодашуда интихоб менамоянд, ҳисоб ва пардохти андоз аз санаи зерин амалӣ карда мешавад:

- барои андозсупорандаи навтаъсис - аз санаи бақайдгирии давлатӣ;

- барои андозсупорандаи амалкунанда пас аз пешниҳоди ариза – аз санаи 1 январи соли минбаъдаи тақвимӣ.

12. Агар андозсупоранда яке аз усули ҳисоби андози низоми содакардашударо интихоб намуда бошад, пас уҳдадор аст то охири соли ҷории тақвимӣ бо ҳамин усул фаъолият намояд. Чунин андозсупоранда ҳуқуқ дорад аз оғози соли минбаъда усули интихобнамудаи соли қаблиро иваз намояд, агар то 31 декабри соли ҷорӣ ба мақомоти андози маҳалли қайди худ ариза пешниҳод карда бошад, дар акси ҳол наметавонад усули интихобнамудаи ҳисобро тағйир диҳад.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

13. Агар дар бандҳои 14, 15 ва 16 Дастурамал тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, объекти андозбандӣ барои андози низоми содакардашуда даромади умумӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, инчунин даромадҳои дигари бадастомада мебошад.

14. Барои андозсупорандагоне, ки пардохти андози низоми содакардашударо аз рӯи усули фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои иҷозатдодашуда интихоб намудаанд, объекти андозбандӣ - даромади умумии онҳо бо тарҳҳои пешбининамудаи бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз, аз ҷумла банди мазкур мебошад. Дар чунин ҳолат объекти андозбандӣ бо усули ҳисобу замкунии зерин муайян карда мешавад:

1) аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд тарҳ карда мешавад, аз ҷумла:

- хароҷоти бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи уҳдадориҳои андозӣ, ба истинои хароҷоти марбут ба амалиётҳо оид ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасоние, ки воқеан анҷом дода нашудаанд ва бо қарори суд муайян шудаанд;

- хароҷоти бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи музди меҳнат, хароҷоти сафарҳои хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои муқарраршуда ва ба андозае, ки хароҷоти сафари хизматии зиёда аз меъёрҳои муқарраршуда мутобиқи моддаи 186 Кодекси андоз ба даромади корманд дохил карда мешавад;

- хароҷоти тасдиқшудаи барои ашёи хом, мавод, хароҷоти реклама, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда;

- андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои ба арзиши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) бурдашуда;

- ҷаримаҳо, фоизҳо, ноустуворонаҳои таъиншуда ё эътирофшудаи вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ки бояд аз ҳисоби андозсупоранда пардохт шаванд (шудаанд), ба истисноӣ онҳое, ки бояд ба буҷет ворид гарданд;

- тарҳи пардохтҳо барои ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ дар ҳаҷми воқеии маблағҳои пардохтшуда, аммо на бештар аз 10 фоизи даромади андозбандишаванда;

- тарҳкунӣ барои пардохтҳо ё кумакҳои дигар барои пешгирии оқибатҳо ё расонидани кумак дар робита бо офатҳои техногенӣ ё табиӣ ё эпидемия;

- хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструктории вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ба истиснои хароҷот барои харидани воситаҳои асосӣ, васлсозии онҳо ва дигар хароҷоти хусусияти асосидошта;

- ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддие, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд;

- дигар хароҷоте, ки тарҳи онро Кодекси андоз манъ накардааст;

2) агар ҳамон як хароҷот дар якчанд моддаи хароҷот пешбинӣ шуда бошад, дар ин сурат ҳангоми ҳисоби даромади андозбандишаванда ин хароҷот танҳо як маротиба тарҳ карда мешаванд;

3) аз даромади умумӣ чунин хароҷотҳо тарҳ карда намешаванд:

- тарҳ нисбат ба хароҷоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест;

- тарҳ нисбат ба хароҷоти вобаста ба сохтмон, истифодабарӣ ва нигоҳдории объектҳо, инчунин дигар хароҷоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолоти асосӣ) алоқаманд нест;

- хароҷоти вобаста ба хариди мол (кор, хизматрасонӣ) аз соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд;

- хароҷоти намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳ (гузаронидани ҷашнҳо, ҷойгиронии меҳмонон ва ғайра), ки аз 1 фоизи даромади умумии андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ зиёд мебошад;

- хароҷоти рекламавӣ (маркетингӣ), ки аз 5 фоизи даромади умумии андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ зиёд мебошад;

- тарҳ нисбат ба хароҷоти марбут ба нақлиёти автомобилии сабукрав, ки дар ҳама давра дар ҷараёни давраи андоз дар ихтиёри кормандон ё саҳмдорон (иштирокчиёни андозсупоранда) барои истифодаи шахсӣ қарор дошт, аз ҷумла истифодаи он барои кашондани кормандон ба ҷои кор ва баръакс ба истиснои ҳолате, ки корманд вобаста ба арзиши даромад мутобиқи банди 7) қисми 3 моддаи 186 Кодекси андоз бо андоз аз даромад андозбандӣ карда шудааст. Тибқи муқаррароти банди 7) қисми 3 моддаи 186 Кодекси андоз арзиши истифодаи воситаи нақлиёти корфармо аз ҷониби корманд бо мақсадҳои шахсӣ, ки бо формулаи (А x 10%)/12 барои моҳи тақвимӣ муайян карда мешавад, дар ин ҷо: А - маблағи хароҷоте, ки корфармо барои харид ва нигоҳдории воситаи нақлиёт сарф намудааст ё арзиши бозории ба иҷора гирифтани воситаи нақлиёт;

- саҳм ба сармояи оинномавӣ (шарикона), аъзоҳаққии саҳмӣ, пардохтҳо барои аз меъёр зиёд ба ҳаво партофтани моддаҳои ифлоскунанда, аъзоҳаққиҳои ихтиёрӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

- сармоягузорӣ ба сармояи оинномавии андозсупорандаи дигар;

- пардохт (пӯшонидан)-и маблағи асосии қарз;

- фарқияти қурби асъор, ки аз қарзҳои шахсони мутақобилан вобаста гирифта шудаанд;

- ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддие, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд (дар фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ истифода мешаванд);

- андоз аз даромаде, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар давлатҳои дигар супорида шудааст;

- ҷаримаҳо ва фоизҳое, ки ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ё буҷети дигар давлат пардохт шудаанд (бояд пардохт шаванд), инчунин дигар хароҷоте, ки тарҳи онро аз даромади умумӣ Кодекси андоз манъ кардааст.

15. Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда интихоб гардидани усули ҳисоби андози низоми содакардашуда аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот дар чунин ҳолат объекти андозбандии чунин андозсупоранда бо усули хазинавӣ ҳисоб карда мешавад.

16. Ба даромадҳои дигари андозсупоранда инҳо дохил мешаванд:

- воридоти ҷаримаҳо ва фоизҳо барои вайронкунии шартҳои шартнома;

- дороиҳои ройгон, аз он ҷумла аз иштироккунандагон (саҳмдорон) ё тибқи шартномаи туҳфа гирифташуда, аз ҷумла арзиши молу мулки ройгон гирифташуда, ки аз рӯи нархи бозорӣ дар лаҳзаи гирифтани онҳо муайян карда мешавад;

- маблағҳои қарзҳои кредиторӣ ва депонентӣ, ки аз рӯи онҳо муҳлати даъво гузаштааст, дар лаҳзаи аз ҳисоб баровардани маблағи қарз дар баҳисобгирии муҳосибӣ андозсупоранда ҳамчун арзиш надошта;

- фарқияти мусбати қурбӣ ва пулӣ аз рӯи баҳодиҳии асъори хориҷӣ ва қарзҳои дебиторӣ, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд;

- фоизҳои тибқи шартномаҳои қарз, кредит гирифташуда;

- пардохти иҷоравӣ, роялти ва дигар шаклҳои подошпулии ҳуқуқ барои истифода.

Эзоҳ: Мисол. ҶСК «Т» дар давраи ҳисоботӣ аз мағозаи хӯрокворӣ 110 000 сомонӣ даромад мегирад, инчунин дар ҳамин давра ҷамъият аз ҳисоби подошпулии ҳуқуқ барои истифодаи маркази савдо 50 000 сомонӣ ва барои вайронкунии шартҳои шартнома аз ҳисоби ҷарима ва фоизҳо ба маблағи 25 000 сомонӣ даромад гирифтааст. Дар чунин ҳолат объекти андозбандӣ даромади умумии ҶСК «Т» 185 000 (110 000+50 000+25 000) сомониро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ҷамъият уҳдадор аст, аз ҷамъи ҳамаи ин даромадҳо андози низоми содакардашударо бо усули интихобнамудааш ҳисоб ва пардохт намояд.

17. Объекти андозбандӣ барои шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки фаъолияти худро тавассути филиал ва (ё) намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, даромади умумии бадастовардаи он аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда мебошад.

18. Даромади умумии андозсупоранда, ки дар шакли зерин гирифта шудааст, объекти андоз эътироф карда намешавад:

- гарав, агар дар шартнома ба дорандаи гарав супоридани молу мулки гузошташуда пешбинӣ шуда бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки молу мулки гузошташуда ба моликият (соҳибӣ)-и дорандаи гарав дода мешавад (бегона карда мешавад);

- гирифтани маблағи асосии қарзи ба қарзгиранда пешниҳодшуда;

- ҳиссаҳои аз ҷониби андозсупоранда дар сармояи оинномавӣ ё захиравии ӯ аз иштирокчиён (саҳомон) дар шакли пулӣ ё натуралӣ гирифташуда, инчунин ба иштирокчӣ (саҳмдор) пардохт намудани маблағи ҳиссаи ӯ ҳангоми аз ҷамъият баромадани иштирокчӣ (саҳмдор) ё дар сурати барҳамдиҳӣ ё қатъ намудани

фаъолияти муштарак дар доираи маблағҳои ҳиссаҳои аввалини чунин иштирокчӣ (саҳмдор).

19. Тартиб ва шарти эътироф намудани баҳодиҳии андозаи даромад, ки аз фаъолияти андозсупорандагон дар асоси усули хазинавӣ гирифта шудааст, мутобиқи сиёсати баҳисобгирии худи андозсупоранда, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва тартибҳои методии дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд, бо тасҳеҳҳои барои риояи шартҳои Дастурамал зарур муайян карда мешавад.

## 4. МАНБАИ АНДОЗ, ДАВРАИ АНДОЗ, МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ, ТАРТИБИ ҲИСОБИ АНДОЗ ВА МУҲЛАТИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ЭЪЛОМИЯ

20. Манбаи андоз барои истифодабарандагони андози низоми содакардашуда маблағи умумии даромади дар давраи андоз гирифтаи андозсупоранда дониста мешавад.

21. Ҳангоми истифодаи усули хизинавӣ лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи зерин ба ҳисоб меравад:

- агар андозсупоранда воситаҳои пулӣ гирад, пас лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи гирифтани воситаҳои пулии накд ва ҳангоми пардохтҳои ғайринакдӣ – лаҳзаи қабул намудани воситаҳои пулӣ дар суратҳисоби ӯ дар бонк, дар дигар суратҳисобе, ки ӯ метавонад ихтиёрдорӣ кунад ё аз оне, ки ӯ ҳуқуқ дорад маблағҳлои зикргардидаро гирад ё дар ҳамёни электронӣ интихоб кунад;

- агар дар муҳлати зиёда аз 6 моҳи тақвимӣ пардохтҳо барои мол (иҷрои кори ва хизматрасонӣ)-и аз ҷониби андозсупоранда таҳвилшуда амалӣ нагардад, бо мақсадҳои андозбандӣ арзиши чунин мол (кор, хизматрасонӣ) пардохтшуда ҳисобида мешавад;

- дар сурати бекор кардан ё пӯшонидани уҳдадории молиявии андозсупоранда, аз ҷумла ҳангоми баҳисобгирии байниҳамдигарӣ, лаҳзаи гирифтани даромад лаҳзаи бекор кардан ё пӯшонидани уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад.

22. Дар сурати ворид нагардидани қарзҳои дебиторииі беэътимод, ки қаблан ба даромади андозбандишаванда ҳамроҳ карда шудааст, аз даромади андозбандишаванда тарҳ карда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶСК «В» усули хазинавиро истифода намуда, 15 январи соли 2021 ба ҶДММ «Б» ба маблағи 50 000 сомонӣ мол интиқол намудааст. Агар ҶСК «В» баъд аз 6 моҳи тақвимии интиқол додани мол аз ҶДММ «Б» маблағ нагирад, моли интиқолдодашуда фурӯхташуда ва маблағи 50 000 сомонӣ гирифташуда ба ҳисоб рафта, даромади мазкур бо андози низоми содакардашуда андозбандӣ карда мешавад. Минбаъд ба ҶСК «В» ҳангоми аз тарафи ҶДММ «Б» барои моле, ки беш аз 6 моҳи тақивимӣ ҳисоббаробарӣ нагардида буд, маблағе, ки қаблан бо андози низоми содакардашуда андозбандӣ шуда буд, пардохт гардад, он объекти андозбандии андози низоми содакардашуда эътироф карда намешавад.

Мисоли 2. ҶСК «А» усули хазинавиро истифода намуда, 15 марти соли 2022 барои хизматрасоние, ки дар моҳи апрел ва ё моҳи минбаъдаи соли 2022 анҷом

дода мешавад, ба маблағи 300 000 сомонӣ пешпардохт гирифтааст. Новобаста аз он ки хизматрасонӣ воқеан моҳи апрел ва ё моҳҳои минбаъда анҷом меёбад, барои ҶСК «А» лаҳзаи гирифтани пешпардохт ба маблағи 300 000 сомонӣ, яъне 15 марти соли 2022 ба ҳисоб рафта, дар ҳамин давраи ҳисоботӣ амалиёти мазкур бо андози низоми содакардашуда андозбандӣ карда мешавад.

Мисоли 3. ҶСП «Б» супорандаи андози низоми содакардашуда буда, тибқи шартнома ба муҳлати як сол ба ҶДММ «А» ба маблағи 40 000 сомонӣ бо меъёри 15 фоизи солона қарз додааст. Бо гузаштани муҳлати қарз ҶСП «А» уҳдадор аст, ба ҶДММ «Б» маблағи асосии қарз, яъне 40 000 сомонӣ ва фоизҳои ба он ҳисобшуда 6 000 сомониро баргардонад. ҶСП «А» ҳамчун агенти андоз ҳангоми пардохти фоизҳо, андоз аз фоизҳоро бо меъёри 12 фоиз дар манбаи пардохт меситонад ва қисми боқимондаи даромади фоизиро ба ҶДММ «А» пардохт менамояд.

| | |
|---|---|
| Маблағи қарз | 40000 сомонӣ |
| Фоизҳо | 6000 сомонӣ |
| Андоз аз фоизҳо | 6000 *12% =720 сомонӣ |
| Ба ҶДММ «Б» пардохта мешавад | 6000-720 = 5280 сомонӣ |

Даромадҳо дар шакли фоизҳо ба андозаи 5280 сомонӣ, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ шудаанд, ба даромади умумии гирандаи онҳо дохил намешаванд, яъне минбаъд ин маблағи фоизҳои гирифташудаи ҶДММ «Б» бо андози низоми содакардашуда андозбандӣ карда намешавад. Қарзи асосӣ ба андозаи 40000 сомонӣ, ки аз ҷониби ҶДММ «А» баргардонида шудааст, барои ҶДММ “Б” даромад ба ҳисоб намеравад. Бинобар ин, қарзии асосии баргардонидашуда, ҳамчун манбаи андозбандии андози низоми содакардашуда ба ҳисоб намеравад.

23. Андозсупорандагоне, ки андози низоми содакардашударо истифода менамоянд, бо мақсади муайян намудани манбаи андоз метавонанд, низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибии аз ҷониби Вазорати молия муқарраршударо истифода намоянд.

24. Барои андозсупорандагоне, ки аз рӯи усули фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои тарҳшавандаи иҷозатдодашуда фаъолият менамоянд, манбаи андоз даромади умумии дар давраи андоз гирифтаи чунин андозсупорандагон, бо тарҳҳои пешбининамудаи банди 14 Дастурамал дониста мешавад.

25. Давраи андоз барои андозсупорандаи низоми содакардашуда соли тақвимӣ ва давраи ҳисоботӣ ҳар як семоҳа дониста мешавад.

26. Агар андозсупоранда якчанд намуди фаъолиятро анҷом диҳад (аз ҷумла истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) ва ё он асос барои андозбандӣ бо дигар низоми махсуси андоз гардад, уҳдадор мебошад, ки пешбурди баҳисобгирии даромад ва хароҷотро барои ҳар як намуди фаъолият алоҳида пеш бурда, маблағҳои андози дахлдорро барои онҳо ҷудогона ҳисоб намояд.

27. Барои андозсупорандагоне, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва хароҷот пардохт менамоянд, андози низоми содакардашуда бо тартибе, ки дар фасли VII Кодекси андоз барои андоз аз даромад муқаррар карда шудааст, ҳисоб карда мешавад.

28. Меъёри андози низоми содакардашуда бо дар назар доштани талаботи

моддаи 380 Кодекси андоз ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

1) барои амалиётҳои андозсупорандагоне, ки андози низоми содакардашударо аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷотҳо бо истифода аз усули хазинавӣ ҳисоб менамоянд - 6 фоиз;

2) барои амалиётҳои андозсупорандагоне, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо аз фарқияти байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда интихоб намудаанд, бо чунин меъёрҳо андозбандӣ карда мешаванд:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо - 13 фоиз ва аз 1 январи соли 2026 ба андозаи 18 фоиз;

- барои ҳама намуди фаъолиятҳои дигар, ба истиснои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ширкатҳои мобилӣ, инчунин фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ, ки фаъолияти онҳо ҷиҳати истифодаи низоми мазкур маҳдуд гардидааст - 18 фоиз.

29. Андози низоми содакардашуда ҳамчун ҳосили зарби манбаи ҳамин андоз бо меъёри андозе, ки дар банди 28 Дастурамал муайян шудааст, ҳисоб карда мешавад.

30. Эъломияи андози низоми содакардашуда ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботӣ фаро мерасад, бо шакли зерин пешниҳод карда мешавад:

- андозсупорандагоне, ки андози низоми содакардашударо аз рӯи усули даромади умумӣ бе тарҳҳи хароҷотҳо ҳисоб менамоянд, Эъломияи (ҳисоб)-и андози низоми содакардашуда барои истифодабарандагони усули хазинавӣ;

- андозсупорандагоне, ки ба фаъолияти истеҳсоли молҳо машғул буда, пардохти андози низоми содакардашударо аз рӯи усули фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои иҷозатдодашуда интихоб намудаанд, Эъломия (ҳисоб)-и андози низоми содакардашуда аз фарқияти байни даромад ва хароҷот барои фаъолият оид ба истеҳсоли мол;

- андозсупорандагоне, ки ба фаъолияти ғайриистеҳсолӣ (иҷрои кор, хизматрасонӣ) машғул буда, пардохти андози низоми содакардашударо аз рӯи усули фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои иҷозатдодашуда интихоб намудаанд, Эъломия (ҳисоб)-и андози низоми содакардашуда аз фарқияти байни даромад ва хароҷот барои дигар намудҳои фаъолият (ғайриистеҳсолӣ);

- андозсупорандагоне, ки ба фаъолияти истеҳсоли мол ва фаъолияти ғайриистеҳсолӣ (иҷрои кор, хизматрасонӣ) машғул буда, пардохти андози низоми содакардашударо аз рӯи усули фарқияти байни даромад ва хароҷотҳои иҷозатдодашуда интихоб намудаанд, Эъломияҳо (ҳисобҳо)-и дар сархатҳои дуюм ва сеюми банди мазкури Дастурамал қайдгардида.

31. Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дидаю дониста ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

32. Андози низоми содакардашуда ҳар семоҳа дар маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда то санае, ки барои пешниҳоди эъломия муайян шудааст, ба буҷети маҳаллӣ пардохт карда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «Т» асосан ба фаъолияти истеҳсол ва фурӯши мебел машғул буда, андози низоми содакардашударо аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷотҳо ба усули хазинавӣ ҳисоб ва пардохт менамояд. Барои мақсадҳои истеҳсоли мебел ҷамъият ба маблағи 700 000 сомонӣ ашё харидорӣ намуда, мебели истеҳсолнамудаашро ба маблағи 750 000 сомонӣ мефурӯшад. Инчунин ҷамъият аз ҳисоби додани иҷораи бино ба маблағи 50 000 сомонӣ даромад мегирад. Дар ин ҳолат андози низоми содакардашуда аз даромади умумии ҷамъият аз ҳисоби истеҳсоли мебел ва иҷораи бино, ки маблағи 800000 сомониро ташкил медиҳад, бо меъёри 6 фоиз андозбандӣ карда мешавад. Пас аз ин аз даромади мазкур маблағи андози низоми содакардашуда 48000 сомониро (800000х6%) ташкил медиҳад, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| Даромади умумӣ | -800 000 сомонӣ; |
| Меъёри андоз | -6%; |
| Маблағи андоз | -800 000 х 6%.=48000. |

Мисоли 2. ҶДММ «В» усули аз фарқияти байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашударо интихоб намудааст. Ҷамъият дар давраи ҳисоботӣ аз фурӯши молҳои истеҳсолнамудааш 325 000 сомонӣ даромад мегирад, дар ин давра хароҷотҳои барои тарҳ тибқи қонунгузории андоз иҷозатдодашуда 250 000 сомониро ташкил медиҳад. Бо дар назар доштани он, ки фаъолияти корхона истеҳсолӣ мебошад, барои муайян намудани уҳдадориҳои андозӣ меъёри 13 фоиз ба манбаи андоз 75000 (325000-250000) зарб карда мешавад. Дар ин ҳолат, маблағи андози низоми содакардашуда аз ин амалиёт 9750 сомонӣ (75000х13%) ҳисоб карда мешавад. Аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| Даромади умумӣ: | - 325000 сомонӣ; |
| Хароҷоти иҷозатдодашуда | - 250000 сомонӣ; |
| Манбаи андоз | - 75000 сомонӣ; |
| Меъёри андоз оид ба истеҳсоли молҳо | - 13 фоиз; |
| Маблағи андози низоми содакардашуда | - 9750 сомонӣ. |

Мисоли 3. ҶДММ «Текстил» (фармоишгар) ва фабрикаи дӯзандагии «Дӯзанда» (пудратчӣ) шартнома ба имзо расонидаанд, ки мутобиқи он ҶДММ «Текстил» ба фабрикаи дӯзандагии «Дӯзанда» 1000 метр матоъро барои дӯхтани хилъати занона медиҳад. Арзиши корҳо оид ба дӯзандагӣ, ки бо шартнома муайян карда шудааст, 10 000 сомониро ташкил медиҳад. Фабрикаи дӯзандагии «Дӯзанда» усули аз фарқияти байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашударо истифода менамояд. Муомилае, ки ҶДММ «Текстил» бе гузаштани ҳуқуқ ба моликият ашёи хомро барои тайёр намудани мол, ки натиҷаи коркарди моли ниҳоии ҷамъият ба ҳисоб меравад, ба фабрикаи дӯзандагии «Дӯзанда» медиҳад ва иҷрои кори мазкур барои фабрика ҳамчун фаъолияти истеҳсолӣ эътироф карда намешавад, чунки фабрика корро оид ба тайёр намудани маҳсулот аз ашёи хоми фармоишгар иҷро мекунад ва барои иҷрои кор подошпулӣ гирифта, ҳуқуқи худсарона фурӯхтани маҳсулоти коркардшударо (хилъатҳои занонаро) надорад. Агар ҶДММ «Текстил» ба ҳисоби пардохти корҳо ба фабрикаи дӯзандагӣ «Дӯзанда» як қисми хилъатҳои занонаро диҳад, пас фурӯши хилъатҳои занонаи дар шакли

подошпулӣ гирифташуда барои фабрикаи дӯзандагии «Дӯзанда» ҳамчун фаъолияти истеҳсолӣ баҳо дода намешавад, чунки мол аз ашёи фармоишгар истеҳсол шудааст. Бинобар ин, бо сабаби мавҷуд набудани маҳаки фурӯши молҳои истеҳсолнамудаи худи андозсупоранда фаъолияти фабрикаи дӯзандагии “Дӯзанда” дар ин мисол ҳамчун фаъолияти истеҳсолӣ баҳо дода намешавад ва фабрика бояд андози низоми содакардашударо бо дар назар доштани тарҳҳои иҷозатдодашуда бо меъёри 18% ҳисоб ва пардохт намояд.

Мисоли 4. ҶДММ «И» санаи 1 апрели соли 2022 ҳамчун супорандаи андози низоми содакардашуда ба қайд гирифта шуда, бо усули фарқияти байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашударо интихоб намуда, ба фаъолият оид ба хариду фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум ва хизматрасонӣ машғул мебошад.

Аз ҷониби ҷамъият дар семоҳаи дуюми соли 2022 амалиётҳои зерин анҷом дода шудааст:

- ба маблағи 85 000 сомонӣ ба муштариён хизмат расонида шудааст;
- тибқи шартнома, ки хизматрасониҳо дар семоҳаи сеюм анҷом меёбад ба маблағи 37 000 сомонӣ пешпардохт гирифтааст;
- ба маблағи 120 000 сомонӣ молро таҳвил намудааст, вале пардохти воқеӣ дар семоҳаи сеюми соли 2022 сурат мегирад. Дар ин ҳолат бо дар назар доштани талаботи усули ҳисобу замкунӣ даромади умумии ҶДММ «И» 205000 сомонӣ мебошад. Даромади умумӣ: а) 85 000 + в)120 000 = 205 000 сомонӣ.

Хароҷотҳои ҷамъият дар ин давра:

- хароҷоти музди меҳнат (а) - 50 000 сомонӣ;
- хароҷотҳои тасдиқшудаи ашёи хом (б) – 80000 сомонӣ;
- хароҷоти қувваи барқ (в) -10000 сомонӣ;
- ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ (г) -10000 сомонӣ;
- хароҷот оид ба андози иҷтимоӣ (ғ) -12500 сомонӣ.

Ҷамъи хароҷотҳо: а) 50 000 сомонӣ + б) 80000сомонӣ + в) 10000 сомонӣ + г) 10000 + ғ) 12500 сомонӣ=162500 сомонӣ.

Манбаи андоз вобаста ба усули баҳисобгирии фарқият байни даромад ва хароҷот: 42500 сомонӣ (205000 сомонӣ-162500 сомонӣ).

ҶДММ «И» аз манбаи андоз (42500 сомонӣ) андози низоми содакардашударо бо меъёри 18 фоиз ҳисоб ва пардохт менамояд:

| | |
|---|---|
| Манбаи андоз | - 42500 сомонӣ |
| Меъёр | -18% |
| Маблағи пардохти андоз | -7650 сомонӣ (42500*18%). |

33. Андозсупорандагоне, ки яке аз усули ҳисоби андози низоми содакардашударо интихоб намудаанд, уҳдадоранд то охири соли ҷории тақвимӣ бо ҳамин усул фаъолият намоянд. Чунин андозсупорандагон ҳуқуқ доранд аз оғози соли минбаъда усули интихобнамударо иваз намоянд, агар то 31 декабри соли ҷорӣ ба мақомоти андози қайди худ ариза пешниҳод карда бошанд.

## 5. ГУЗАРИШ АЗ НИЗОМИ УМУМИИ АНДОЗ БА НИЗОМИ СОДАКАРДАШУДАИ АНДОЗ, ИНЧУНИН ГУЗАРИШИ БАРЪАКС

34. Агар дар давоми на зиёда аз 12 моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи низоми умумии андоз аз 1 миллион сомонӣ кам бошад ва агар муҳлати аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андоз гузаштани чунин шахс 36 моҳи тақвимӣ сипарӣ шуда бошад, андозсупорандаи мазкур метавонад дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пайдо шудани чунин ҳолатҳо барои гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми содакардашудаи андозбандӣ ба мақомоти андоз ариза пешниҳод намояд.

Эзоҳ: Мисол. ҶДММ "А" 1 сентябри соли 2021 баъд аз даромади умумиаш аз 1 миллион сомонӣ зиёд шудан ба низоми умумии андозбандӣ гузашт. Новобаста ба он ки даромади умумии ҷамъият дар 12 моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта аз 1 миллион сомонӣ кам буд, минбаъд то сипарӣ шудани 36 моҳ ҷамъият уҳдадор мебошад, ки дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият намояд. Танҳо пас аз гузаштани 36 моҳи тақвимӣ, агар дар давоми на зиёда аз 12 моҳи пайдарпайи тақвимии охир даромади умумии ӯ аз 1 миллион сомонӣ кам бошад, чунин андозсупоранда ҳуқуқ дорад ба низоми содакардашудаи андозбандӣ гузарад.

35. Гузариш аз низоми содакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

- агар аз рӯйи натиҷаи на зиёда аз 12 моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи низоми содакардашудаи андоз аз 1 миллион сомонӣ зиёд бошад, дар чунин ҳолат андозсупорандаи мазкур уҳдадор аст дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пайдо шудани чунин ҳолат ба мақомоти андози малли баҳисобгирӣ барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза пешниҳод намояд;
- агар андозсупоранда барои бақайдгирӣ ҳамчун супоридани андоз аз арзиши иловашуда ихтиёран муроҷиат намуда бошад, дар чунин ҳолат андозсупорандаи мазкур уҳдадор аст дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи муроҷиат ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза пешниҳод намояд;
- дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда риоя нагардидани талаботи сархати якуми банди мазкур, аз як низом ба низоми дигар гузаштани чунин андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз анҷом дода шуда, дар ин хусус ба андозсупоранда огоҳинома ирсол карда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ "Б" 15 майи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шуда, усули тарҳи хароҷоти иҷозатдодашударо аз даромад истифода мебарад. Дар моҳи июни соли 2022 даромади умумии ҷамъият (бе дар **назар доштани** тарҳои иҷозатдодашуда) бештар аз 1 миллион сомониро ташкил медиҳад. Новобаста ба он ки аз оғози фаъолияти ҷамъият 12 моҳи пайдарпайи тақвимӣ нагузаштааст, ҷамъият уҳдадор мебошад дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ ба мақомоти андози маҳлли баҳисобгирӣ барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза пешниҳод намояд.

Мисоли 2. ҶДММ “А” аз рӯйи натиҷаи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта аз фаъолияти хизматрасонӣ 1000500 сомонӣ даромад гирифтааст, ки он аз ҳадди муайяншудаи даромад бештар мебошад. Дар ин ҳолат ҷамъият уҳдадор аст дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пайдо шудани чунин ҳолат ба мақомоти андози маҳлли баҳисобгирӣ барои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи ААИ ва гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза пешниҳод намояд.

## 6. ХУСУСИЯТҲОИ МАХСУС ҲАНГОМИ ГУЗАРИШ АЗ ЯК НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ БА НИЗОМИ ДИГАР

36. Андозсупорандагоне, ки то гузариш ба андози низоми содакардашуда ҳангоми ҳисоб намудани андозҳо аз рӯи низоми умумии андозбандӣ усули ҳисобу замкуниро истифода мебурданд, дар вақти пардохти андози низоми содакардашуда қоидаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- маблаҒи то гузариш ба андози низоми содакардашуда гирифташудае, ки вобаста ба он таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ тибқи шартнома баъд аз гузариш ба андози низоми содакардашуда анҷом дода мешавад, ба манбаи андози низоми содакардашуда дохил карда мешавад;

- маблаҒе, ки барои таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ баъд аз гузариш ба андози низоми содакардашуда гирифта шудааст, ба манбаи андоз дохил карда намешавад, агар қаблан чунин маблаҒҳои гирифташуда бо усули ҳисобу замкунӣ дар асоси низоми умумии андозбандӣ ба манбаи андоз дохил карда шуда бошанд.

37. Даромадҳои аз таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ, ҳуқуқҳои молумулкӣ) дар давраи истифодаи андози низоми содакардашуда, ки пардохт (пардохти ҷузъи)-и онҳо то санаи гузариш ба низоми умумии андозбандӣ амалӣ нашудааст, ба таркиби даромадҳо дар эъломияи охирини андози низоми содакардашуда ҳангоми гузариш ба низоми умумии андозбандӣ дохил карда мешаванд.

38. МаблаҒи андози низоми содакардашудаи то гузариш ба низоми умумии андозбандӣ гирифташудае, ки вобаста ба он таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ тибқи шартнома баъд аз гузариш ба низоми умумии андозбандӣ анҷом дода мешавад, аз маблаҒи андози даромад дар низоми умумии андозбандӣ тарҳ карда мешавад.

39. Ҳангоми гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба андози низоми содакардашуда ва аз андози низоми содакардашуда ба низоми умумии андозбандӣ, андозсупорандагон вобаста ба андоз аз арзиши иловашуда қоидаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- ҳангоми гузариш ба андози низоми содакардашуда маблаҒҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки то чунин гузариш аз маблаҒи ба ҳисоби таҳвили минбаъдаи мол (кор, хизматрасонӣ) дар давраи пас аз гузариш ба андози низоми содакардашуда пардохтшуда (қисман пардохтшуда) ҳисоб ва ба буҷет пардохт шудаанд, дар давраи охирини андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд;

- ҳангоми гузариш ба низоми умумии андозбандӣ маблаҒҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки супорандаи андози низоми содакардашуда барои бақияи

молҳои харидоришуда пардохт намудааст, аз ҷониби ин андозсупоранда дар давраи якуми андоз пас аз гузариш ба низоми умумии андозбандӣ доир ба андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд ва аз арзиши чунин молҳо кам карда мешаванд.

## 7. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ

40. Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 378 Кодекси андоз имтиёзҳои зерини пешбининамудаи бандҳои 6) ва 7) қисми 2 моддаи 189 Кодекси андоз барои мақсадҳои андози низоми содакардашуда татбиқ карда намешаванд:

- даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, новобаста аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ва ворид кардани сармоя ба фонди оинномавии корхона;
- даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ новобаста аз мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ.

41. Кумакҳои молиявие (субсидияҳое), ки муассисаҳои давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории фаъолияти худ мегиранд, ба даромади умумии онҳо дохил намегарданд.

42. Имтиёзи андози низоми содакардашуда андозсупорандаро аз пешниҳод намудани эъломияи андоз доир ба даромадҳои аз андозбандӣ озод барои давраи ҳисоботӣ озод намекунад.

43. Супорандаи андози низоми содакардашуда супорандаи андозҳои зерин дониста намешаванд:

- андоз аз даромади шахси ҳуқуқӣ, ба истиснои даромадҳое, ки аз онҳо андоз дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешавад;
- андоз аз даромади соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, ба истиснои даромадҳое, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешаванд;
- андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти молҳо ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андоз аз арзиши иловашудаи ғайрирезидент, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешавад.

44.Супорандагони андози низоми содакардашуда дигар андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андозро пардохт менамоянд.

45. Супорандагони андози низоми содакардашуда уҳдадоранд вазифаи агенти андозро, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, иҷро намоянд.

## 8. ТАРТИБИ ТАҲИЯ ВА ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ЭЪЛОМИЯИ АНДОЗИ НИЗОМИ СОДАКАРДАШУДА

46. Эъломияи андози низоми содакардушада аз қисмҳои «Маълумот дар бораи андозсупоранда», «Намуди эъломия ва давраи ҳисоботии андоз», «Ҳисоби андоз» ва «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» ва шаклҳои «Эъломия (ҳисоб)-и андоз барои истифодабарандагони усули хазинавӣ», «Эъломия (ҳисоб)-и андоз аз фарқияти байни даромад ва хароҷот барои фаъолият оид ба истеҳсоли мол» ва «Эъломия (ҳисоб)-и андоз аз

фарқияти байни даромад ва хароҷот барои дигар намудҳои фаъолият (ғайриистеҳсолӣ)» иборат мебошад.

47. Маълумот дар бораи андозсупоранда чунин пур карда мешавад:

1) дар сатри 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) дарҷ карда мешавад;

2) дар сатри 2 рақами ягонаи мушаххас (РЯМ) дарҷ карда мешавад;

3) дар сатри 3 номи пурраи андозсупоранда қайд карда мешавад.

48. Намуди эъломия ва давраи ҳисоботии андоз чунин аст:

1) дар сатри 4 намуди эъломияи андоз интихоб карда шуда, қайди дахлдор гузошта мешавад;

2) дар сатри 5 давраи андоз бо нишондоди семоҳаи дахлдори соли ҳисоботӣ ва дар мавриди доштани воҳиди алоҳида, қайди дахлдор (ишораи х) гузошта мешавад.

49. Андоз чунин ҳисоб карда мешавад:

1) дар сатри 001 маблағи даромади умумии дар давраи андоз гирифтаи андозсупоранда мутобиқ ба муқаррароти моддаи 377 Кодекси андоз дарҷ мегардад;

2) дар сатри 002 маблағи даромади андозсупоранда, ки тибқи банди 40 Дастурамал аз пардохти андози низоми содакардашуда озод карда шудаанд, дарҷ мегардад;

3) дар сатри 003 маблағи андози низоми содакардашуда, ки бо усули хазинавӣ ҳисоб карда шудааст, дарҷ карда мешавад;

4) дар сатри 004 маблағи андози низоми содакардашуда, ки аз фарқияти даромад байни хароҷот ҳисоб карда шудааст (сатри 004.1 + сатри 004.2), дарҷ мегардад;

5) дар сатрҳои 004.1 ва 004.2 қайди дахлдор оид ба маблағи ҳисобшудаи андози низоми содакардашуда аз фаъолият оид ба истеҳсоли мол ва ё дигар намудҳои фаъолият (ғайриистеҳсолӣ) гузошта мешавад;

6) дар сатри 005 ҳамагӣ маблағи ҳисобшудаи андози низоми содакардашуда (сатри 003 + сатри 004) дарҷ мегардад;

7) дар сатри 006 бақияи молу маҳсулот ба аввали давраи ҳисоботӣ ва сатри 007 бақияи молу маҳсулот ба охири давраи ҳисоботӣ дарҷ карда мешавад.

50. Дурустии маълумоти дар эъломия (ҳисобот)-и андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани мухр (хаттӣ ё электронӣ) тасдиқ менамояд. Дар қисми 4 эъломия санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

51. Эъломия (ҳисоб)-и андоз барои истифодабарандагони усули хазинавӣ чунин тартиб дода мешавад:

1) дар қисми 1 «Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда» дар сатри 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), дар сатри 2 рақами ягонаи мушаххас (РЯМ) ва дар сатри 3 номи пурраи андозсупоранда қайд карда мешавад;

2) дар қисми 2 «Намуди эъломия ва давраи ҳисоботии андоз» дар сатри 4 намуди эъломияи андоз интихоб ва қайди дахлдор (ишораи х) гузошта шуда, дар сатри 5 давраи андоз бо нишондоди семоҳаи дахлдори соли ҳисоботӣ ва дар

мавриди мавҷуд будани воҳиди алоҳида, қайди дахлдор (ишораи x) гузошта мешавад;

3) дар қисми 3 «Ҳисоби андоз» дар сатрҳои аз 001 то 006 маҷмӯи даромадҳои бадастовардаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ дарҷ карда мешавад;

4) дар қисми 4 «Ҳисобкунии уҳдадории андоз» дар сатри 007 меъёри андоз ва дар сатри 008 маблағи андоз дарҷ карда мешавад;

5) дар қисми 5 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» дурустии маълумоти дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Дар қисми 5 эъломия санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

52. Эъломия (ҳисоб)-и андоз  аз фарқияти байни даромад ва хароҷот барои фаъолият оид ба истеҳсоли мол чунин тартиб дода мешавад:

1) дар қисми 1 «Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда» дар сатри 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), дар сатри 2 рақами ягонаи мушаххас (РЯМ) ва дар сатри 3 номи пурраи андозсупоранда қайд карда мешавад;

2) дар қисми 2 «Намуди эъломия ва давраи ҳисоботии андоз» дар сатри 4 намуди эъломияи андоз интихоб ва қайди дахлдор гузошта шуда, дар сатри 5 давраи андоз бо нишондоди семоҳаи дахлдори соли ҳисоботӣ ва дар мавриди мавҷуд будани воҳиди алоҳида, қайди дахлдор (ишораи x) гузошта мешавад;

3) дар қисми 3 «Маҷмуи даромад дар давраи ҳисоботӣ» дар сатрҳои аз 001 то 007 маҷмуи даромадҳои бадастовардаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ дарҷ карда мешавад;

4) дар қисми 4 «Хароҷотҳои тарҳшаванда» дар сатрҳои аз 008 то 020 маҷмуи хароҷотҳои тарҳшавандаи андозсупоранда барои давраи ҳисоботии дахлдор дар доираи муқаррароти бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз дарҷ карда мешавад;

5) дар қисми 5 «Манбаи андозбандишаванда» дар сатри 021 ҳамагӣ даромадҳо, дар сатри 022 ҳамагӣ хароҷотҳои тарҳшаванда ва дар сатри 023 даромади андозбандишаванда дарҷ карда мешавад;

6) дар қисми 6 «Ҳисобкунии уҳдадории андоз» дар сатри 024 меъёри андоз ва дар сатри 025 маблағи андоз дарҷ карда мешавад;

7) дар қисми 7 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» дурустии маълумоти дар эъломия (ҳисобот)-и андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Дар қисми 7 эъломия санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

53. Эъломия (ҳисоб)-и андоз аз фарқияти байни даромад ва хароҷот барои дигар намудҳои фаъолият («ғайриистеҳсолӣ») чунин тартиб дода мешавад:

1) дар қисми 1 «Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда» дар сатри 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), дар сатри 2 рақами ягонаи мушаххас (РЯМ) ва дар сатри 3 номи пурраи андозсупоранда қайд карда мешавад;

2) дар қисми 2 «Намуди эъломия ва давраи ҳисоботии андоз» дар сатри 4 намуди эъломияи андоз интихоб ва қайди дахлдор (ишораи x) гузошта шуда, дар сатри 5 давраи андоз бо нишондоди семоҳаи дахлдори соли ҳисоботӣ ва дар

мавриди мавҷуд будани воҳиди алоҳида, қайди дахлдор (ишораи x) гузошта мешавад;

3) дар қисми 3 «Маҷмуи даромад дар давраи ҳисоботӣ» дар сатрҳои аз 001 то 007 маҷмуи даромадҳои бадастовардаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ дарҷ карда мешавад;

4) дар қисми 4 «Хароҷотҳои тарҳшаванда» дар сатрҳои аз 008 то 020 маҷмӯи хароҷотҳои тарҳшавандаи андозсупоранда барои давраи ҳисоботии дахлдор дар доираи муқаррароти бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз дарҷ карда мешавад;

5) дар қисми 5 «Манбаи андозбандишаванда» дар сатри 021 ҳамагӣ даромадҳо, дар сатри 022 ҳамагӣ хароҷотҳои тарҳшаванда ва дар сатри 023 даромади андозбандишаванда дарҷ карда мешавад;

6) дар қисми 6 «Ҳисобкунии уҳдадории андоз» дар сатри 024 меъёри андоз ва дар сатри 025 маблағи андоз дарҷ карда мешавад;

7) дар қисми 7 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» дурустии маълумоти дар эъломия (ҳисобот)-и андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани мухр тасдиқ менамояд. Дар ин қисм санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

54. Супорандагони андози низоми содакардашуда тибқи муқаррароти қонунгузорӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» усули содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибиро истифода менамоянд.

55. Супорандаи андози низоми содакардашуда як маротиба ҳар нимсолаи ҳисоботӣ санади муқоисавиро дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо мақомоти андоз тартиб медиҳад.

56. Назорати пардохти андози низоми содакардашударо мақомоти андоз амалӣ менамояд.